# Экстремизму терроризм - асоси хатарҳои ҷаҳони муосир

Дар замони ҷаҳонишавӣ, пешрафт ва истифодаи номаҳдуди шабакаҳои иҷтимоӣ инсоният бештар ба мушкилоти ҷиддии косташавии ахлоқию иҷтимоӣ рӯ ба рӯ шудааст, ки он яке аз омилҳои асосии гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ, экстремистӣ ва террористӣ маҳсуб меёбад. Ин падидаҳои номатлуб на танҳо амнияти давлатҳоро зери хатар мегузоранд, балки ба арзишҳои маънавӣ, фарҳангӣ ва башардӯстонаи шахс, ҷомеа низ таъсир мерасонанд.

Имрӯз тавассути истифода аз имкониятҳои техникаву технологияи муосир, бахусус, шабакаҳои гуногуни иҷтимоӣ ҷавонони кишварҳои зиёд бо сабаби донишҳои пасти сиёсӣ ва ноогоҳӣ воқиф, набудан аз ҳадафҳои воқеии онҳо ба ташкилотҳои экстремистиву террористӣ пайваст мегарданд. Расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, динӣ ё идеологӣ террористро ба зӯроварӣ, таҳдид ва тарсондан моил мекунанд.

Оне, ки ба ҳадафҳои худ аз роҳи таҳдид, зӯроварӣ, дигар шаклҳои амалиёти ғайриқонунӣ ё харобиовар расидан мехоҳад, бо руҳияи носолими хеш экстремист, яъне тундрав муаррифи мешавад. Ҳарчанд падидаҳои мазкур хосси асри 21 набошанд ҳам, вале онҳо ба худ симои нав гирифта, ба амалиёти муташаккилу мураккаби номатлуб дар бисёр мавридҳо даст мезананд. Имрӯз ва дар ояндаи наздик низ экстремизм ва терроризм ҳамчун падаидаҳои хавфнок барои инсоният ва ҷомеаи умумибашарӣ боқӣ монда, бо истифода аз рушди босуръати технологияи муосир, тарзу усули нави истифодабарии онро дар худ рушд медиҳанд. Барои мисол, дар як даҳсолаи охир садҳо ҳазор нафар мардуми осоишта қурбони амалҳои экстремистӣ ва террористӣ гардида, ҳазорҳо нафари дигар маъюбу маҷруҳ шуданд. Ҳалокати ҳазорон мардуми осоиштаи сайёра, алалхусус, қисми осебпазири ҷомеа занону кӯдакон аз ин хатари марговар гувоҳи он аст, ки ин амалу кирдори ваҳшиёнаи тарафдорони ин гурӯҳҳои бераҳму шавқат, дур аз фарҳангу маърифат, бехирад ва ҷоҳилу нотавонбин ифодагари ғаразҳои нопоки онҳо арзёби мегардад. Натиҷаи он ҷавонони раҳгумзадаи зиёде дар дохил ва хориҷи кишвар ба доми мубаллиғони ташкилоту гурӯҳҳои дорои хусусияти экстремистӣ- террористӣ афтода, ҳаёти худ ва хешовандонашоро ба хатар гирифтор мекунанд. Оқибати гумроҳии онҳо рехтани ашки модарон, чашм дӯхтан ба роҳи фарзандону пайвандон ва танҳо мушкилии ҳаёти хонаводаро ба бор меорад.

Гузашта аз ин, бояд зикр кард, ки терроризм дар рушди таърихи инсоният ҳодисаи нав набуда, ҳанӯз аз замонҳои қадим ба ин усул қувваҳои гуногуни сиёсӣ ва

ҷамъиятӣ барои ҳокимият талош дошта, даст ба зӯрӣ, даҳшат овардан ва тарсонидани одамон мезананд. Аз ин рӯ, ҷавононро мебояд, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, сабабу омили шахсони ифротӣ ва гуруҳҳои террористиро биёмӯзанд ва барои дафъи он кӯшиш кунанд, то сулҳ, ваҳдат ва амнияти кишвар ҳифз гардад.

Экстремизм ва терроризм, ки имрӯз ба хатари ҷаҳонӣ табдил ёфтааст, инсониятро бештар ба ташвиш овардааст. Президенти кишвар бо эҳсоси ин хатар ҷомеаи башариро ҳушдор доданд, ки нисбати он бетавофут набошанд ва дар ин самт дар якҷоягӣ тадбирҳои зарурӣ биандешанд.

Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми соли 2017 аз афзудани ин хатар ва таҳдидҳои башарӣ ёдовар шуда, таъкид намудаанд: “Мо бояд ҳамеша дар назар дошта бошем,ки терроризм ва террористро ба худӣ ва бегона, ашаддӣ ва ислоҳгар ё хубу бад ҷудо кардан мумкин нест, баръакс, террорист Ватан, дин, мазҳаб ва миллат надорад. Зуҳуроти терроризм ба суботу амнияти курраи замин хавфу хатари бениҳоят зиёд дорад”.

16-уми ноябри соли 1999 асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар мубориза бо терроризм”-ро тасдиқ намуда, заминаи устувори ҳуқуқӣ-меъёрии мубориза бар зидди терроризму экстремизмро поягузорӣ карданд.

Ҳамин тариқ, дар баробари муқаррароти танзимкунандаи фаъолияти давлатӣ баҳри амалисозии муқаррароти он дар самти мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм фаъолияти якҷояи қишрҳои гуногуни ҷомеа талаб карда мешавад. Яъне имрӯз танҳо муборизаи дастаҷамъонаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мусоидати аҳолӣ бо мақомот ва ҳушёрию зиракии мардум имкон медиҳад, ки пеши роҳи ин омилҳои манфӣ гирифта шавад, то ки суботу оромӣ таъмин ва ҳар як фард дар Ватани азизи хеш- Тоҷикистони соҳибистиқлол зиндагии ободу осоишта дошта бошад. Инчунин, мо, ҷавонон, ҳамчун нерӯи пешбаранда, ворисони асилу арзандаи миллату давлат ва созандагони имрӯзу фардои Тоҷикистони азиз бо ҳисси баланди миллӣ пояҳои давлатдории миллиамонро ҳамчун гавҳари ноёб эҳтирому нигоҳ медорем, ҳамчун нерӯи бузурги созанда ва сипари боэътимоди давлатамон бар зидди ҳама гуна хатари терроризму экстремизм бо истифода аз роҳҳои пешбинӣ намудаи қонунгузории кишвар мубориза мебарем.

Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои ҳамасолаашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷамъбасти масъалаҳои муҳимми сол ва дурнамои соли минбаъда

ҳамаҷониба суханронӣ намуда, таъкид менамоянд, ки шаҳрванди Тоҷикистони азиз, аз ҷумла, ҷаонон ва наврасон таҳти таъсири манфии зуҳуроти номатлуби ҷомеа наафтода, ба рӯзгори тинҷу осуда, зиндагии бомаром ва ояндаи худу хонаводаи худ халал ворид насозанд ва зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд.

**Мудири лабораторияи илмӣ –таҳқиқотӣ**
**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи**
**А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Шомамадова Ҳ.А**